Ба Шӯрои диссертатсионии 6 Д. КОА-004
назди Донишгоҳи милии Тоҷикистон
(734025, ш.Душанбе, к.Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷабборов Абдусаттор ба диссертатсияи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯъи **“Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.

## 1. Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсиони Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло - “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон ба иҷро расидааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки “ояндаи кишвари мо бетағйир боқӣ мемонад - нигоҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, беҳсозии некӯаҳволии мардум”. Бинобар ин, зарурати таъхирнопазири ҳалли масъалаҳо ва имкониятҳои рушди шарикии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти иҷтимоии субъектҳои хоҷагидори мамлакат, ки яке аз самтҳои муҳим дар татбиқи ин Стратегия мебошад, лозим аст.

Коркарди асосҳои назариявию институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои бозории рушдёбанда, муҳиммияти таъмини рушди сармояи инсонӣ беш аз беш рӯи кор меояд. Бинобар ин, таҳқиқи моҳияти категорияи шарикии иҷтимоӣ, вазъи имрӯзаи ташаккулу рушди он дар иқтисодиёти мамлакат ва коркарди заминаҳои методии арзёбии механизмҳои таъмину рушди он масъалаи мубрами рӯз мансуб меёбад. Муаллиф хуб таъкид менамояд, ки дар шароити низоми иқтисоди бозорӣ ин масъалаҳо дар илми иқтисоди ватанӣ ба таври кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Татбиқи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ пеш аз ҳама бо муносибатҳои институтсионалӣ равобити зич дорад, бинобар ин амалӣ гардонидани он такмили механизмҳои институтсионалиро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур, ки ба ҳалли муаммоҳои муҳими илмӣ дар самти дарёфти роҳҳову механизмҳои татбиқ ва такмили заминаҳои институтсионалии шарикии иҷтимоӣ дар тамоми субъектҳои хоҷагидори мамлакат бахшида шудааст, муҳиммияти баланди илмӣ дорад.

2. **Дарачаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масаъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти васеъ намудани назария ва амалияи истифодаи принсипи шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои хоҷагидори иқтисодиёт, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва механизмҳои татбиқи шарикии иҷтимоӣ рӯи кор омадааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанивию хориҷиро дар соҳаи назарияи институтсионалистӣ, гуманизасияи истеҳсолот ва шарикиии иҷтимоӣ эҷодкорона истифода намудааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: тахайюлоти (абстраксияи) илмӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили маҷмӯавӣ ва низомӣ, усули муқоисакунӣ, усули таҳлили эмпирикӣ, хулосабарорӣ, аналогия, таҳлили маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвалии маводҳои аслӣ.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Аососгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, маводҳои чопии давраги иқтисодӣ ва ВАО, маводҳои конференсияҳо, маводҳои таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интерент ташкил додааст.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст. Дар мавриди мутолиаи диссертатсия эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аён шуд, ки муаллиф бо саҳеҳии матлабҳои асосии пажуҳиш амиқ ворид гардида, тавонистааст дар асоси таҳқиқи васеъ асосҳои институсионалии ташаккул, рушд ва истифодаи самаранокии институти шарикии иҷтимоиро дар субъектҳои хоҷагидори иқтисоди миллии Тоҷикистон асоснок намояд.

3. **Саҳеҳӣ ва навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда.**

Ба назари мо элементҳои навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

- моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро доир ба муҳиммияти муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар низоми муносибати молумулкӣ ва мубодилоти манфиатҳои иҷтимоию

моддӣ ифода намуда, раванди гуманизатсияи истеҳсолотро фаъол мегардонад, муайян карда шудааст;

- сохтор ва робитаи мутақобилаи институтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ муайян гардида, алоқамандии робитаҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоӣ ва сармояи иҷтимоӣ муқаррар карда шуданд; ба сифати асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши шарикии иҷтимоӣ истифодаи равишҳои институтсионалӣ пешниҳод мегардад, ки аз вобастагии тарафи иҷтимоиву технологии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ бармеояд. Муайян карда шудааст, ки дар замони муосир шарикии иҷтимоӣ ҳамчун ниҳоди муҳим ҷиҳати созиши манфиатҳои иштирокдорон дар ҳалли зиддиятҳои бавуҷудомада дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои хоҷагидор баромад менамояд;

- нақш ва ҷойгоҳи шарикии иҷтимоӣ дар рушди тамоюли гуманизатсияи фаъолияти иқтисодӣ, аз байн бурдани тазод миёни сармоя ва меҳнат, хусусияти робитаҳои институтсионалӣ миёни муносибатҳои моликият, шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудаанд; сабабҳои ба миён омадани зиддиятҳои функсияҳои тасарруф, тақсимот, истифода ва азхудкунии захираҳо аз нуқтаи назари рафтори институтсионалӣ шарҳ дода шудааст; асосҳои методологӣ ва методикаи арзёбии сифативу миқдории таъсири сатҳи инкишофи шарикии иҷтимоӣ ба рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ таҳия гардиданд; вобастагии мустақими сиёсати иҷтимоии давлат ва шарикии иҷтимоӣ муайян карда шудааст; омилҳои иҷтимоии рушди иқтисодӣ ва сатҳу сифати таъсирбахши он ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидор тавсиф карда шудааст;

- муносибатҳои консептуалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ таҳия гардида, принсипҳои методии ташкили системаҳои идоракунии шарикии иҷтимоӣ дар самти иҷтимоии фаъолияти субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт пешниҳод гардиданд; рушди институтҳои алоҳидаи шарикии иҷтимоӣ таҳия карда шуда, шакли ягонаи системаи арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ (таҳияи базаи методологии муқоисаи саҳми корхонаҳо дар рушди ҷомеа), шакли ягонаи системаҳои ҳисоботдиҳӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ ва тарзу услуби асоснок намудани сатҳи масъулияти иҷтимоии соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст.

Дар сарсухани диссертатсия муҳимияти мавзӯъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо, гипотезаи диссертатсия ва ғайра муайян карда шудааст.

Дар боби якум – **«Асосҳои назариявӣ ва методологии муносибати институтсионалӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар низоми иқтисодиёт»** масъалаҳои марбут ба тавсифи моҳияти масъулияти иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва институти танзимгари муносибатҳои

иқтисодию ичтимоӣ, шарикии ичтимоӣ ҳамчун механизми гуманизатсияи фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ, инчунин ҷойгоҳи шарикии ичтимоӣ дар сохтори ниҳодии (институтсионалии) танзим ва рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст.

Муаллиф дар асоси омӯзиш ва назари таҳлилии шарҳи гуногуни моҳияти категорияҳои масъулияти ичтимоӣ, ки дар адабиёти иқтисодӣ назарҳо гуногун аст, тавсифи муаллифӣ доир ба моҳияти шарикии ичтимоӣ дода шудааст. Масъулияти ичтимоиро муаллиф ҳамчун низом ё маҷмӯи муносибатҳо ва ҳамкориҳои мутақобила миёни агентҳои иқтисодӣ, ки рушди муносибатҳои бозорӣ, фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро ба самти ичтимоӣ сафарбар менамояд, тавсиф намудааст. (с.10-19) Муаллиф барои васеъ намудани моҳияти масъулияти ичтимоӣ, самтҳои асосии татбиқи масъулияти ичтимоиро ҷудо намудааст: баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар заминаи демографӣ ва талаботи имконпазири биосферӣ; бартараф намудани нобаробарии аз ҳад зиёди ичтимоӣ, набудани низоъҳои ичтимоӣ; таъмини рушди сармояи инсонӣ, (сатҳи баланди касбият, вазъи саломатӣ ва ҳавасмандии меҳнатӣ) ва ғайра.

Дар диссертатсия вобаста бо мушкилоту мураккабии татбиқи шарикии ичтимоӣ аз нуқтаи назари тазоди рушди иқтисодию ичтимоӣ далелҳои асоснокро доир ба зарурати фаъол намудани масъулияти ичтимоӣ овардааст. Бахусус нақши шарикии ичтимоиро ҳамчун механизми гуманизатсияи муносибатҳои иқтисодӣ асоснок намудааст. Асоснок карда шудааст, ки коркарди механизми татбиқи шарикии ичтимоӣ бояд ба назария ва методологияи институтсионалӣ такя намояд, зеро он барои устувор гаштани рафтори агентҳои иқтисодӣ дар гуманизатсиякунонии равандҳои истеҳсолӣ мусоидат менамояд. Муаллиф исбот намудааст, ки шарикии ичтимоӣ чун дигар институтҳои иқтисодӣ "қоидаи бозӣ"-ро муайян менамояд ва рафтори ратсионалии иштирокдорони муносибатҳои иқтисодиву ичтимоиро муайян менамояд. (с.16-31)

Дар боби дуюм – **«Ҳолати муосири рушди шарикии ичтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон"** заминаҳои ташаккул ва рушди институтҳои шарикии ичтимоӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон, тамоюли гуманизатсияи рушди иқтисодӣ ва шарикии ичтимоӣ дар мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, арзёбии шарикии ичтимоӣ ҳамчун механизми рушди самараноки субъектҳои хоҷагидор ба иҷро расидааст.

Дар диссертатсия барои таҳқиқӣ қонунияти ташаккул ва рушди институтҳои шарикии ичтимоӣ ва арзёбии он дар Тоҷикистон ба таърихи пайдоиши ин падида назар намудааст. Равандҳои ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ва механизми шарикии ичтимоӣ, ки дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ сурат гирифта аст, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф асоснок намудааст, ки низоми иқтисоди бозорӣ ва афзудани шумораи корхонаҳои моликияташон гуногун заминаи

ташаккул ва зарурати рушди шарикии иҷтимоиро боис гардидааст. Аз ин лиҳоз, дар диссертатсия раванди ғайридавлатикунонии моликият ва хусусигардониро мавриди таҳлил қарор додааст. (с.63-71)

Муаллиф қайд намудааст, ки шарикии иҷтимоӣ ягона институте мебошад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ зиддиятҳои иқтисодиву иҷтимоиро ҳал намуда, сатҳи истисмори коргарони кироярo паст менамояд. Муайян намудааст, ки фаъолияти ин институт дар иқтисодиёти мамлакат солҳои охир назаррас гардида истодааст, масалан дар субъектҳои иқтисодии мамлакат ба ғайр аз додани музди меҳнат, дигар тадбирҳои таъминкунандаи рушди ҳаёти иҷтимоӣ ва рушди инсон низ дар тамоюли болоравӣ қарор дорад. Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон солҳои охир ба маротиб афзуда, вазни қиёсии он дар маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ дар ин давра то 31 фоиз, зиёд гардидааст.(с.80-91)

Дар диссертатсия муайян гардидааст, ки шароитҳои муҳимми шарикии иҷтимоӣ бештар дар корхонаҳои калони иқтисодиёт татбиқ мегардад. Аммо, бинобар кам будани шумораи ширкатҳои калони иқтисодӣ дар иқтисодиёти мамлакат, фаъолияти институтҳои шарикии иҷтимоӣ заиф аст. Дар корхонаҳои хурд бошад, раванди амалигардонии шарикии иҷтимоӣ ба сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ нест. Муаллиф афзудааст, ки новобаста ба ин муаммоҳо, дар ҷумҳурӣ асосҳои институтсионалии ташкилии шарикии иҷтимоӣ рӯи кор омада, дар ҳамаи сатҳҳо комиссияҳои сеҷониба фаъолият менамоянд, ки аз тақсими ваколатҳои намояндагони субъектҳои шарикии иҷтимоӣ иборат аст. (с 100-104)

Дар боби сеюм **«Такмили асосҳои консептуаливу институсионалии самтҳои рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”**, тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодиёти мамлакат, масъалаҳои такмили принсипҳо ва механизмҳои арзёбии рушди масъулияти иҷтимоӣ ва самтҳои асосии баланд бардоштани он дар субъектҳои бахши хусусии иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ин боби диссертатсия, асосҳои консептуалӣ ва тамоюли стратегии рушди шарикии иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ асоснок гардида, бо назардошти хусусияти глобалӣ гирифтани тамоюли рушди масъулияти иҷтимоӣ дар субъектҳои бахши иқтисодӣ пазируфта шудани ин самт ҳамчун индикатори асосии арзёбии корхонаву ширкатҳои ҷаҳонӣ исбот карда шудааст. Муаллиф зарурати инкишоф додани масъулияти иҷтимоии корпоративиро қайд намуда, якчанд принсипҳои онро ҷудо намудааст, ки бояд корхона дар самти баланд бардоштани масъулияти иҷтимоӣ риоя намояд: принсипи фаъолнокии иҷтимоӣ, принсипи ягонагии иқтисодӣ ва иҷтимоии принсипи самаранокӣ ва ғайра. (с 124-131).

Муаллиф бахусус ба нақшу муҳиммияти таҳия ва татбиқи сармоягузориҳои иҷтимоӣ дар татбиқи шарикии иҷтимоӣ ва масъулияти

иҷтимоии корхонаҳо таваҷҷӯҳи ҷиддӣ додааст. Дар робита ба ин, консепсияи механизми ташкилӣ-иқтисодии сармоягузориҳои иҷтимоиро пешниҳод намудааст. Қайд намудааст, ки "барои татбиқ намудани ҳадафҳои Стратегии милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2030 (СМР-2030) дар самти рушди инсон ва сармояи инсонӣ тавассути фаъол гардонидани институти шарикии иҷтимоӣ дар субектҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама фаъол намудани иштироки онҳо дар таъмини дастрасии кормандон ба манзил, таҳсилоти касбӣ, ташкили мунтазами бозомӯзии кормандон ва ғайра лозим аст".(с.139-140).

Дар диссертатсия самтҳои асосии баланд бардоштани сатҳи шарикии иҷтимоии субъектҳои бахши соҳибкории иқтисодиёт асоснок гардидааст. Ӯ афзудааст, ки масъулияти иҷтимоии тиҷорат (бизнес) ҳамчун зуҳуроти қаноатмандии тарафайни агентҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Таъкид намудааст, ки пайваста бо рушди бозори меҳнат вазифаи муҳимми субъектҳои хоҷагидор пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати ҳаёти меҳнатӣ – сатҳи қаноатмандии талаботҳои шахсии коргарон тавассути фаъолияти онҳо дар корхонаҳо ба шумор меравад. Асоснок намудааст, ки дар замони муосир, пайваста бо баланд гардидани нақш ва ҷойгоҳи сармояи инсонӣ дар рушди устувори иқтисодӣ, шарикии иҷтимоӣ ба низоми мураккаб табдил ёфтааст. Бинобар он, сохтори мукаммалу бо ҳам алоқаманди низоми мураккаби шарикии иҷтимоӣ дар шакли схемавӣ пешниҳод шудааст. Алоқмандӣ ва рушди устувори онҳо ҳамчун як низоми устувор, ки дар пояи сохтори институтсионалӣ сурат мегирад, бинобар ин, самтҳои такмили механизмҳои институтсионалии рушди шарикии иҷтимоиро пешниҳод намудааст. (с.144-154)

4. **Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо илм ва амалия**.

Андешаҳои назариявии диссертатсияро метавон гуфт, ки дар густаришу рушди назарияи шарикии иҷтимоӣ ва нақши он дар таъмини рушди корхонаҳои муосир саҳмгузор шудаанд. Масалан, таҳқиқи алоқамандии низоми шарикии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиву гуманизатсияи истеҳсолот барои таҳияи консепсияи нави идоракунии равандҳои исеҳсоливу муносибатҳои меҳнаатӣ мусоидат менамояд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар имконияти истифодабарии натиҷаҳоро дар ҷараёни татбиқи барномаҳои дарозмуддатии рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, барномаҳои соҳавӣ, ки пайваста бо сифату хусусиятҳои он таҳия шудаанд, доро мебошанд.

Методҳо ва қоидаҳои дар таҳқиқи диссертатсионӣ таҳиягардида мумкин аст аз ҷониби роҳбарони корхонаҳо, кормандони дастгоҳи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои иттифоққҳои касаба ҳангоми омода намудани лоиҳаи институтсионалӣ ва татбиқи низоми шарикии иҷтимоӣ истифода карда шаванд. Маълумотҳои

диссертатсияро мумкин аст дар протсесси омӯзиши донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисоди миллӣ” ва ғайра истифода намуд.

5. **Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳӣ аст, ки умуман наметавонад сифати илмӣ ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Эроду дархости муқарриз чунин аст:

1. Ба назари мо фарқият ва робитаи моҳияти мафҳуми “шарикии иҷтимоӣ” ва “масъулияти иҷтимоӣ” чандон возеҳ нишон дода нашудааст.
2. Муаллиф дар саҳифаи 20 қайд намудааст, ки “барои васеъ намудани мафҳуми масъулияти иҷтимоӣ зарур аст, ки сохтори субъектию объектии падидаи мазкур муайян карда шавад”. Аммо минбаъд тавсифи сохтори муҳим – сохтори объектии шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.
3. Чунин гузориши муаллиф, ки дар саҳифаи 83 омадааст барои мо нофаҳмо буд: “Дар замони муосир зарурати ба ҳисоб гирифтани шумораи ҳадди ниҳоии таъсири омилҳои тағйирот ба инсон ба муайян намудани самтҳои гуманизатсияи истеҳсолот оварда расонид, ки дар раванди фаъолияти иқтисодии инсон пайдо мегардад”. Ин ҷумлаҳо таҳрир металабад, то ин ки маънои мушаххаси худро дарёбад.
4. Муаллиф қайд намудааст, ки системаи тадбирҳо оид ба рушди низоми ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳо ташаккули истифодаи усулҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва консепсияҳои идоракунии кормандонро тақозо менамояд (саҳ. 118). Аммо тавсиф усулҳо аз мадди назари унвонҷӯӣ дур мондааст.
5. Дар диссертантские нақши лоиҳаҳои сармоягузориҳои иҷтимоӣ дар таъмини рушди шарикии иҷтимоӣ асонок шудааст. Аммо, татбиқи ин лоиҳаҳо дар мамлкат дар сатҳи зарурӣ таҳлил наёфтаанд.
6. Дар диссертатсия саҳвҳои имлоӣ ва номукаммалии тарзи баён вомехӯранд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадуллоро коҳиш намедиҳад. Умуман диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муммоҳои илмии заминаҳои институтсионалии татбиқу рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодӣ тавсиф менамояд.

**6.Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос намудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда, чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, семинарҳои Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат низ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шуда буданд.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертасия**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешавад ҷой дорад. Диссертатсия дар доираи шиносномаи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ, зербандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; моликият дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва рушди он: принсипҳо, тамоюлҳо ва хусусиятҳо; қонуниятҳои таҳавуллоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; гуманизатсияи рушди иқтисодӣ; 1.2. Алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ. 1.4.Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва таҳавуллотӣ: назарияи иқтисодиёти гузаранда ва дигаргуншавии (трансформатсия) низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; интихоби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба иҷро расидааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар мавзӯи **“Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бешубҳа кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан бо талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муққарази расмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,** **Ҷабборов А.**
**профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
**Суроға: 734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, к. Деҳотӣ ½, ДДТТ**
**E-mail: mail@ddtt.tj**

**Имзои профессор А.Ҷабборовро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати**
**кадрҳо ва ҳуҷҷатгузории ДДТТ** **М.Назирӣ.**